«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти фалсафа ва
сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови
АМИТ, доктори илмҳои фалсафа,
профессор Маҳмадизода Н.Д.



_____

«_01_» _____ соли 2026

ХУЛОСАИ

Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ таҳия ва иҷро шудааст.

Зиёева З.И. аз 27.11.2022 бо қарори шурои олимони Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ таҳти №3408/24-299 ба докторантура (анъанавӣ) аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмии худро дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба анҷом расонидааст. Пас аз анҷоми марҳилаҳои омӯзишӣ, таҳлили амиқи сарчашмаҳо ва пажуҳишҳои пайдарпай, муаллиф рисолаи доктории худро бо машваратҳои судманди мушовири илмӣ - доктори илмҳои фалсафа, академик Кароматулло Олимов омода намудааст.

Соли 2016 диссертатсияи худро дар мавзӯи «Проблема взаимоотношения личности и общества в философии Мухаммада

Икбала» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа гардидааст.

Мушовири илмии диссертатсия – академик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Олимов Карроматулло.

Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар ҷаласаи васеи Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз «26» июни соли 2026, (Протоколи №5) муҳокима гардидааст. Дар ҷараёни муҳокима ба диссертатсия баҳои мусбат дода шуда, он барои баррасӣ дар зинаи минбаъдаи аттестатсия тавсия шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат менамояд. Ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа ба Феҳрасти ихтисосҳое дохил мешавад, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таълимоти фалсафию ирфонии Муҳйиддин Ибни Арабӣ ҳамчун яке аз падидаҳои муҳими таърихи фалсафаи асримиёнагии исломӣ мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи таърихию фалсафӣ қарор гирифта, масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҷаҳонбинии ӯ, хусусиятҳои асосии низоми фалсафию ирфониаш, масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ, муносибати Худо ва

олам, ваҳдати вуҷуд, аъён ас-собита, таҷаллӣ, фано ва бақо, кашф ва шуҳуд, инчунин мавқеи Ибни Арабӣ дар рушди минбаъдаи фалсафаи арабу мусулмонӣ ва таъсири таълимоти ӯ ба шарҳнависон, пайравон ва мунаққидонаш таҳқиқ шудаанд. Бо назардошти мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои гузошташуда, асосҳои назариявию методологӣ ва натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи мазкур ба самтҳои асосии ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа пурра ҷавобгӯ буда, ҳамчун таҳқиқоти мустақилона анҷомёфтаи дорои аҳамияти назариявию таърихию фалсафӣ арзёбӣ мегардад.

Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» аз рӯйи мазмун ва муҳтавои худ ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намуда, ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳими таърихи афкори фалсафӣ - ташаккул, таҳаввул ва хусусиятҳои таълимоти Муҳйиддин Ибни Арабӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи фалсафаи асримиёнагии арабу мусулмонӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи мероси фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ, муайян намудани ҷойгоҳи он дар таърихи фалсафаи Шарқ, таҳлили масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, муносибати Худо ва олам, ваҳдати вуҷуд, фано ва бақо, инчунин муайян намудани таъсири ин таълимот ба рушди минбаъдаи андешаи фалсафию ирфонӣ барои густариши таҳқиқоти бунёдӣ дар соҳаи фалсафа ва омӯзиши мероси маънавию фарҳангии ҷаҳони ислом аҳамияти муҳим дорад.

Муҳтавои диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намуда, ба омӯзиши масъалаҳои муҳими таърихи афкори фалсафӣ, мероси фалсафию маънавии Шарқ ва саҳми мутафаккирони асримиёнагӣ дар рушди тафаккури фалсафӣ равона шудааст. Таҳқиқи мероси фалсафию маънавии мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла омӯзиши андешаҳои фалсафии

Ибни Арабӣ, барои рушди таҳқиқоти фундаменталӣ дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ аҳамияти муҳим дошта, ба амиқтар намудани таҳқиқоти таърихи фалсафа, фалсафаи муқоисавӣ, диншиносӣ ва фарҳангшиносӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳияи корҳои илмӣ ва таълимӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва омӯзиши минбаъдаи мероси фалсафию маънавии Шарқ истифода шаванд.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» дар 1 монография, 1 китоб ва 28 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мазмун ва муҳтавои интишороти илмии довталаб ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳо ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос менамоянд. Теъдод ва сатҳи интишороти муаллиф ба талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашударо дар ҷомеаи илмӣ муаррифӣ менамоянд.

I. Монография

1. Зиёева, З. И. Проблема взаимоотношения личности и общества в философии Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева. – Душанбе: Эр-Граф, 2026. – 176 с.

II. Китоб

2. Зиёев, И. Ғ., Зиёева, З. И. Ахлоқ ва зебоишиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёев, З. И. Зиёева. – Душанбе: Донишвар, 2019. – 480 с.

II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

3. Зиёева, З. И. Назари таҳқиқотии А. В. Смирнов ба осори Ибни Арабӣ «Ал-Футуҳот ал-Маккия» [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 61–66. – ISSN 0235-005X.
4. Зиёева, З. И. Шореҳони маъруфи «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 80-84
5. Зиёева, З. И. «Тадбироти илоҳия» ва «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 53–57.
6. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 11–16.
7. Зиёева, З. И. Андешаҳои гносеологӣ дар фалсафаи Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 66–69.
8. Зиёева, З. И. Мулоҳизот оид ба таърихи пайдошавии тасаввуф [Матн] / З. И. Зиёева // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 84–89.
9. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – Том 2, № 1 (21). – С. 118–132.
10. Зиёева, З. И. Таълимоти Ибни Арабӣ оид ба нафс [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – Том 2, № 2 (24). – С. 53–63.

11. Зиёева, З. И. Консепсияи «инсони комил» дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 81–87.
12. Зиёева, З. И. Тоҷикистон дар муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 259–269.
13. Зиёева, З. И. Шарҳи мафҳуми «инсони комил» аз дидгоҳи Азизуддин Насафӣ ва Абдулкарим Қутбиддин ибни Иброҳим (Ҷилӣ) [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 104–110.
14. Зиёева, З. И. Ибни Арабӣ - бузургтарин шайхи тасаввуф [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 1. – С. 121–125
15. Зиёева, З. И. Формирование личности в концепции «совершенного человека» Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева // Международный научный журнал «Научный лидер». – 2025. – № 29 (230). – ISSN 2713-3168. – С. 75–82.
16. Зиёева, З. И. Нақши фарҳанг дар муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 199–204.
17. Зиёева, З. И. Краткий обзор исторической эволюции теоретического мистицизма (на основе книги «Онтология исламского мистицизма» Али Амининежад) [Текст] / З. И. Зиёева // Международный научный журнал «Научный лидер». – 2025. – № 31 (232). – ISSN 2713-3168. – С. 196–205.
18. Зиёева, З. И. Мероси адабӣ ва фалсафии Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 140–147.

19. Зиёева, З. И. Этапы развития исламского теоретического мистицизма: от суфийской практики к философской онтологии [Текст] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 50–60.
20. Зиёева, З. И. Таҳлили муқоисавии дар «Рисолат-ут-тайр»-и Ибни Сино ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттори Нишопурӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2026. – № 1. – С. 20–31.
21. Зиёева, З. И. Философская интерпретация экзистенциальных вопросов у Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева // Актуальные исследования. – Белгород, 2026. – № 4. – ISSN 2313-1513. – С. 6–12.

III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

22. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд». – Душанбе, 2021. – С. 59–71.
23. Зиёева, З. И. «Ибни Арабӣ: «Тадбироти илоҳия» ва «Фусус ал-ҳикам»» [Матн] / З. И. Зиёева // Файласуф ва замон: маҷмӯаи мақолот. – Душанбе, 2021. – С. 489–501.
24. Зиёева, З. И. Ҳастишиносӣ ва худошиносии ирфонӣ дар «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» [Матн] / З. И. Зиёева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. – Душанбе. – С. 261–271.
25. Зиёева, З. И. Муаммои ваҳдати вуҷуд ва робитаи он бо Ибни Арабӣ ва Мавлоно Румӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ», бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 2023. – С. 194–200.

26. Зиёева, З. И. Философия этики Аль-Фараби в «Мадинаи фозила» («Добродетельный город») [Текст] / З. И. Зиёева // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абунасри Форобӣ дар илм ва тамаддуни ҷаҳон» (16–17 октября 2024 г., Душанбе). – Душанбе, 2024. – С. 582–588.
27. Зиёев, И. Ғ., Зиёева, З. Сухане чанд оид ба ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёев, З. Зиёева // Материалы круглого стола «Современные тенденции развития философской науки в Таджикистане и мире» (18 ноября 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 64–73.
28. Зиёева, З. И., Зиёев, И. Ғ. Осори ирфонии Ибни Сино [Матн] / З. И. Зиёева, И. Ғ. Зиёев // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (4–5 ноября 2025 г., Душанбе). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 1280 с.
29. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (4–5 ноября 2025 г., Душанбе). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 1280 с.
30. Зиёева, З. И. Духовные и нравственные мысли Ибн Сины и Мухаммада Газзали [Текст] / З. И. Зиёева // Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Эволюция, тенденции и перспективы политической культуры гражданского общества: казахстанский и зарубежный опыт». – Алматы: Казахский национальный университет имени аль-Фараби, 2026. – С. 129–132.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани он. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва илмию методологӣ буда, метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда оид ба таърихи фалсафа, махсусан таърихи

фалсафаи асримиёнагии исломӣ, фалсафаи арабу мусулмонӣ ва ирфони назариявӣ истифода шаванд. Таҳлили таълимоти Ибни Арабӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар таҳаввули афкори фалсафӣ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқ дар омӯзиши минбаъдаи робитаи фалсафа, дин ва ирфон, инчунин таҳлили муқоисавии мактабҳо ва равияҳои фалсафии Шарқ мавриди истифода қарор гиранд.

Маводи диссертатсияро метавон дар раванди таълими фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи Шарқ, фалсафаи исломӣ, диншиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва корҳои илмӣ истифода намуд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи таҳқиқоти нав дар мавзуи мероси фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ, омӯзиши фаъолияти шарҳнависон ва пайравони ӯ ва муайян намудани таъсири таълимоти Акбария ба рушди минбаъдаи тафаккури фалсафию маънавии Шарқ метавонанд заминаи илмӣ фароҳам оваранд.

Бо дарназардошти хусусияти бунёдӣ ва таърихию фалсафии диссертатсия, натиҷаҳои он пеш аз ҳама дорои имконияти истифодаи илмӣ ва таълимӣ мебошанд. Санади алоҳидаи татбиқи натиҷаҳо дар истеҳсолот дар доираи таҳқиқоти мазкур пешниҳод нашудааст, аммо имконияти истифодаи онҳо дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ ва методии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавҷуд буда, метавонад барои рушди таҳқиқоти фалсафӣ ва омӯзиши мероси фалсафию маънавии Шарқ мусоидат намояд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он ифода меёбанд, ки дар диссертатсия бори нахуст дар таърихи фалсафаи ватанӣ фалсафаи Ибни Арабӣ ба таври муқоисавӣ, таҳлилӣ, комплексӣ ва системавӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар натиҷаи он як қатор ҷанбаҳои камомӯхта ва масъалаҳои баҳсбарангези мероси ирфонӣ-фалсафии ӯ равшан ва мушаххас карда шудаанд. Аз ҷумла, муаллиф дар асоси таҳлили ҳаёт, мерос ва таълимоти Ибни Арабӣ

унсурҳои асосии низоми ҷаҳонбинии сӯфиёнаи ӯ, аз ҷумла «ваҳдати вуҷуд», «фано» ва «бақо», «халқи ҷадид», «аъён ас-собита» ва «таҷаллиёти илоҳӣ»-ро муайян намуда, робитаи мантиқӣ ва маънавии байни онҳоро нишон додааст.

Муаллиф инчунин осори нисбатан машҳури Ибни Арабиро мавриди шарҳу тавсиф қарор дода, муносибати шарҳнависони асримиёнагӣ, ҷонибдорон ва мухолифони андешаҳои ӯро таҳлил намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ муқаррар гардидааст, ки Ибни Арабӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи ирфони исломӣ буда, ҳарчанд ғояи «ваҳдати вуҷуд» дар таърихи тамаддунҳои гуногун собиқаи тӯлонӣ дошта, ӯро ихтироъкори аввалини ин ғоя донистан дуруст нест, Ибни Арабӣ барои нахустин бор онро дар доираи фалсафаи мусулмонӣ ба таври нисбатан муназзам ва назариявӣ таҳия ва густариш додааст. Дар диссертатсия ҳамчунин паҳншавии андешаҳои ваҳдати вуҷуд дар муҳити форсизабон ва ташаккули ҷонибдорону мухолифони он нишон дода шуда, нақши Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун шореҳ, муфассир ва пайрави ин таълимот махсусан таъкид гардидааст.

Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқ аз таҳлили масъалаҳои камомӯхтаи таълимоти Ибни Арабӣ, махсусан дар робита ба ваҳдати вуҷуд, хусусиятҳои он ва мушкилоти фаҳмишу тафсири ин консепсия иборат мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки сабабҳои гуногунфаҳмӣ, нодуруст тафсир намудан ва бархе лағзишҳои назариявиро ҳангоми шарҳи андешаҳои Ибни Арабӣ муайян ва тавзеҳ диҳад. Ҳамзамон, ҷанбаҳои камомӯхтаи таълимоти ӯ дар соҳаи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ ба таври алоҳида баррасӣ гардидаанд.

Шуъба махсусан натиҷаи таҳқиқи ду самти марказии таълимоти Ибни Арабӣ – ваҳдати вуҷуд, фано ва бақоро муҳим арзёбӣ менамояд. Дар ин замина муаллиф таносуби маърифати сӯфиёна, аз ҷумла кашф ва шуҳуд, бо дигар шаклҳои маърифат – донишҳои ҳиссӣ, касбӣ, ақлӣ, ваҳбӣ ва ғайраро таҳлил намуда, ҷойгоҳ ва хусусияти онҳоро дар низоми

маърифатии Ибни Арабӣ муайян кардааст. Ин натиҷаҳо ба фаҳмиши амиқтари сохтор, мазмун ва хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ мусоидат менамоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» таҳқиқоти мустақилона ва баанҷомрасидаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дорои аҳамияти назариявӣ ва таърихию фалсафӣ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар диссертатсия мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷаи омӯзиши ҳаёт ва осори Ибни Арабӣ, таҳлили таълимоти фалсафию ирфонии ӯ, инчунин баррасии мероси шарҳнависон ва пайравонаш хулосаҳои илмии дахлдор пешниҳод шудаанд. Ҳамаи марҳалаҳои асосии таҳқиқ – аз интихоби мавзӯъ, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо, ҷамъоварӣ ва омӯзиши сарчашмаҳо то таҳлили маводи илмӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳо – бо иштироки бевоситаи довталаб анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлили таърихию фалсафии таълимоти Ибни Арабӣ, муайян намудани ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фалсафаи асримиёнагии исломӣ, таҳқиқи масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ ва баррасии шарҳҳо ва тафсирҳои таълимоти ӯ ифода ёфтааст.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммали илмиро дар бар гирифта, аз муқаддима, панҷ боб, бист параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мантиқи масъалагузорӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, пайдарҳамии таҳлили масъалаҳои асосии фалсафаи Ибни Арабиро таъмин менамояд.

Моҳияти асосии натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар муайян ва таҳлили масъалаҳои марказии фалсафаи Ибни Арабӣ, аз ҷумла ваҳдати вуҷуд, муносибати Худо ва олам, аъён ас-собита, таҷаллӣ, фано ва бақо, кашф ва шуҳуд, инчунин дар ошкор намудани хусусиятҳои таърихии ташаккул ва таҳаввули андешаҳои фалсафию ирфонии ӯ ифода меёбад. Дар

раванди таҳлил мавқеъҳои гуногуни муҳаққиқон, шарҳнависон, пайравон ва мунаққидони Ибни Арабӣ мавриди муқоиса ва баҳогузорӣ қарор гирифта, масъалаҳои баҳсноки тафсири таълимоти ӯ баррасӣ шудаанд.

1. Ибни Арабӣ ҳамчун яке аз намояндагони барҷастаи фалсафаи асримиёнагии исломӣ ва таълимоти ирфонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷойгоҳи ӯ дар таърихи афкори фалсафию ирфонии исломӣ ва аҳамияти осори ӯ дар ташаккули минбаъдаи ин равия муайян карда шудааст.

2. Дар заминаи таҳлили осори асосии Ибни Арабӣ, аз ҷумла «Фусус ал-хикам» ва «Ал-Футуҳот ал-Маккийя», масъалаҳои калидии таълимоти ӯ баррасӣ гардида, алоқамандии мафҳумҳои асосии низоми фалсафию ирфонии ӯ нишон дода шудааст.

3. Моҳияти таълимоти ваҳдати вуҷуд мавриди таҳлили фалсафӣ қарор гирифта, масъалаи ягонагии ҳастӣ, муносибати Тарҷумон ва офаридаҳо, инчунин ҳолатҳои гуногуни зоҳиршавии вуҷуд дар таълимоти Ибни Арабӣ таҳқиқ шудааст. Дар ин замина мафҳумҳои вуҷуд, адам ва аъён ас-собита ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми онтологии ӯ баррасӣ гардидаанд.

4. Масъалаҳои марбут ба аъён ас-собита ва хусусияти махсуси мавҷудияти онҳо таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки онҳо дар таълимоти Ибни Арабӣ на ба маънои ҳастии воқеӣ ва на ба маънои нестии мутлақ, балки ҳамчун ҳолати махсуси миёни ҳастӣ ва нестӣ шарҳ дода мешаванд.

5. Марҳилаҳо ва сатҳҳои гуногуни фано дар таълимоти суфия ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми маънавию ирфонии Ибни Арабӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, робитаи онҳо бо худшиносӣ, таҷрибаи маънавӣ ва муносибати солик бо ҳақиқат баррасӣ шудааст.

6. Дар диссертатсия инчунин фаъолияти шарҳнависон, пайравон ва мунаққидони Ибни Арабӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта,

гуногунрангии тафсирҳои таълимоти ӯ ва таъсири он ба рушди минбаъдаи фалсафаю ирфони исломӣ нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ, дар низомманд намудани маводи сарчашмавӣ ва илмӣ, таҳлили масъалаҳои асосии таълимоти ӯ, муқоисаи мавқеъҳои гуногуни муҳаққиқон ва таҳияи хулосаҳои илмӣ инъикос ёфтааст. Хулосаҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф таҳия гардида, саҳми мустақили ӯро дар омӯзиши таърихи фалсафа ва мероси фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ нишон медиҳанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна кори илмии мустақилона анҷомёфта буда, масъалаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар он мавриди баррасӣ қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва таърихию фалсафӣ мебошанд.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзӯи «Фалсафаи Ибни Арабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – таърихи фалсафа барои муҳокима ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки Шурои диссертатсионӣ дар онҷо амал мекунад, тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз «29» июни соли 2026, таҳти суратҷаласаи № 5 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 9 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илмҳои фалсафа, 4 нафар номзади илмҳои фалсафа ва дигар кормандони Шуъба ва муассисаи таълимӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 9 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис: Шамсов М.С. - номзади илмҳои фалсафа, мудири Шуъбаи таърихи фалсафа, Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ, 734025, ҶТ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33 **Шамсов М. С.**

Котиби маҷлис: лаборанти калони Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ **Каримова Б.**

Имзои **Шамсов М. С.** ва **Каримова Б. -ро** тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ **Б.А. Абдураҳмонзода**

18.06.2026